# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барон дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи диссертатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
02 декабри соли 2025, №103

Барои сазовор донистани Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таърихи 16 сентябри соли 2025, суратмаҷлиси №93 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод 18 августи соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Мавсуф соли 2009 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2014 бо ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ (ҳуқуқ) хатм намудааст.

Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод фаъолияти худро дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи январи соли 2015 оғоз намуда, дар зинаҳои гуногуни мақомот, аз ҷумла дар вазифаи ёрдамчии прокурори ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, прокурори калони шуъбаи тафтишот дар Прокуратура ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳими Прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон, прокурор – криминалисти шуъбаи назорати тафтишоти пешакӣ дар мақомоти Прокуратураи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ёрдамчии прокурори нақлиёти Суғд ва аз 01 октябри соли 2024 то ин ҷониб дар вазифаи ёрдамчии калони прокурори нақлиёти Тоҷикистон оид ба ташкили кор, назорати иҷро ва таҳлилу омор дар Прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 20

ноябри соли 2014, №118 ба ҳайси аспиранти ғоибонаи Институти мазкур қабул гардидааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи «Правовое регулирование ограничения монополистической деятельности на рынке товаров (работ услуг) по законодательству Республики Таджикистан» зери роҳбарии профессор Раҳимзода М.З. дар ҷаласаи Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 30 январи соли 2015, №1 тасдиқ гардида буд.

Бинобар сабаби сафарбар шудани довталаб ба хизмати мақомоти Прокуратура номбурда аз санаи 30 ноябри соли 2015, №284 аз шакли таҳсили аспиранти ғоибона ба сифати унвонҷӯйи Институти болозикр гузаронида шудааст. Мавзуи рисолаи номзадии Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо забони тоҷикӣ зери роҳбарии профессор Раҳимзода М.З. дар ҷаласаи Шурои олимони Институт санаи 22 декабри соли 2015 аз нав тасдиқ карда шудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ дар вақти муқарраршуда аз ҷониби унвонҷӯ супорида шуда, шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 16 сентябри соли 2024, №1226 аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима гардида, аз 18 марти соли 2025, №3 барои ҳимоя ба тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҳимзода Маҳмад Забир, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобостаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милли Тоҷикистон;

– Сидиқов Дилшод Аҳрорович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар Бобозода Ҷамрод Курбон - дотсент, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ихтисос: 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи

соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода ва аз ҷониби раис семинари васеи илмӣ-назариявӣ баргузор гардид. Дар тақризи муассисаи пешбар Табаров Неъмон Амонович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва котиби ҷаласа, муаллими калони ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Дустов Сулаймон Абдуллоевич имзо гузошта, аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор санаи 30 октябри соли 2025 тасдиқ гардида, қайд карда шудааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашриҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М].** Пулодзода, Ш.П. Субъекты и объекты монополистической деятельности в предпринимательстве [Текст] / Ш.П. Пулодзода // Законодательство. – Душанбе, 2023. – № 2 (50). – С. 95-103, ISSN 2410-2930.

**[2-М].** Пулодзода, Ш.П. Понятие и формы недобросовестной конкуренции по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / Ш.П. Пулодзода // Вестник Таджикского национального университета Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2024. – № 2. – С. 241-252, ISSN 2413-5151.

**[3-М].** Пӯлодзода, Ш.П. Суиистифодаи субъекти хоҷагидор аз мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор [Матн] / Ш.П. Пӯлодзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2024. – № 3 (35). – С. 108-125, ISSN 2414-9217.

**[4-М].** Рахимзода, М.З., Пулодзода Ш.П. Недобросовестная конкуренция: особенности правового регулирования [Текст] / М.З. Рахимзода, Ш.П. Пулодзода // Государствоведение и права человека. – Душанбе, 2023. – № 4 (32). – С. 118-129, ISSN 2414-9217.

**[5-М].** Раҳимзода, М.З., Пӯлодзода Ш.П., Доир ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол [Матн] / М.З. Раҳимзода, Ш.П. Пӯлодзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2024. – № 3 (51). – С. 105-110, ISSN 2305-0535.

**[6-М].** Раҳимзода, М.З., Пӯлодзода Ш.П., Маҷбуран тақсим ва ҷудо намудани ташкилоти тиҷоратӣ [Матн] / М.З. Раҳимзода, Ш.П. Пӯлодзода // Маҷаллаи Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2024. №3 (68). -С. 315-321, ISSN 2664-0651.

**[7-М].** Пӯлодзода, Ш.П. Оид ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти шахсони бонуфуз тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.П. Пӯлодзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2024. – № 4 (52). – С. 190-195, ISSN 2305-0535.

**II.Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷмуаҳо ва нашрияҳои илмию амалӣ чоп шудаанд:**

**[8-М].** Пулодзода, Ш.П. Законодательство Республики Таджикистан о конкуренции и ограничении монополистической деятельности [Текст] / Ш.П. Пулодзода // Материалы международного научно-практического журнала ENGLLESS LIGHT in SCIENCE, посвященного 25 июля 2023 г. – Алматы, Казахстан, – С. 38-47.

**[9-М].** Пулодзода, Ш.П. Монополистическая деятельность как форма ограничения конкуренции [Текст] / Ш.П. Пулодзода // Сборник статей республиканской научно-практической конференции на тему «Проблемы земельного законодательства в современную эпоху» (13 октября 2023 года). – Душанбе, 2023. – С. 239-251.

**[10-М].** Пӯлодзода, Ш.П. Мафҳум ва моҳияти фаъолияти инҳисорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.П. Пӯлодзода // Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ «Тоҷикон дар оинаи таърих», бахшида ба 115-солагии Академики АИ ИҶШС Б. Ғафуров. – 27.10.2023. Қисми 1. Ҳуқуқ, Иқтисодиёт – С. 153-158.

**[11-М].** Пӯлодзода, Ш.П. Рушд ва дастгирии рақобат яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати муосири иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.П. Пӯлодзода // Маводи конференсияи байналмиллалии илмию назариявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида ба таҷлили Рӯзи ҳуқуқи инсон 5-уми декабри соли 2023. – Душанбе -2023. – С. 727-732.

**[12-М].** Пулодзода, Ш.П. Принудительное разделение и выделение коммерческих организаций [Текст] / Ш.П. Пулодзода // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Государственная независимость – основа укрепления правового

государства», посвященной 33-й годовщине Государственной независимости Республики Таджикистан, 3 сентября 2024 года. – С. 481-491.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– Раупова Манзура Турсуновна - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Очилова Фирӯза Аюбовна - мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

– Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз - сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

– Майнусова Зарнигор Маҳмудовна - номзади илмҳои ҳуқуқшиносии кафедраи ҳуқуқшиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла:

Масъалаи маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) аз доираи қонунгузории маданӣ васеъ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Гарчанде муаллиф дар қисматҳои муайяни таҳқиқот ба таҷрибаи татбиқи қонунгузорӣ ишора кардааст, вале таҳлили амиқи қарори судҳои иқтисодӣ дар масъалаҳои марбут ба фаъолияти инҳисорӣ ба таври лозима истифода нашудаанд.

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки «мавқеи ҳукумфармоӣ аз ҷониби мақомоти судӣ бо дарназардошти имкониятҳои афзалиятноки субъекти хоҷагидор барои таъсир ба вазъи бозор муайян карда шавад». Вале аз тарафи муаллиф мушаххас карда нашудааст, ки судяҳо чӣ гуна, дар асоси кадом маҳакҳо категория «мавқеи ҳукумфармоӣ»-ро бояд муайян намоянд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти банди 62 Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 70 ва 74 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари илмӣ дар шакли маҷмуӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст;

– **пешниҳод шудааст:** мавқеи ҳукумфармоии субъекти хоҷагидор дар бозорро аз ду дидгоҳи мухталиф – маҳдуд ва васеъ – баррасӣ кардан мумкин аст. Дар маънои маҳдуд, ин ҳиссаи мавҷудияти субъекти хоҷагидор дар бозор аст, ки аз сатҳи муқарраршудаи қонунгузорӣ зиёд мебошад. Дар маънои васеъ, мавқеи ҳукумфармоӣ аз ҷониби мақомоти судӣ бо дарназардошти имкониятҳои афзалиятноки субъекти хоҷагидор барои таъсир ба вазъи бозор муайян карда мешавад;

– **исбот шудааст:** инҳисор фаъолияти субъектҳои хоҷагиест, ки дар бозори муайяни мол ё хизматрасонӣ мавқеи ҳукумфармоӣ дошта, ба ворид шудани дигар субъектҳо ба бозор монеъ мешаванд;

– **ҷорӣ намудани:** гурӯҳи шахсон як субъекти ягонаи хоҷагиро ташкил медиҳанд, ки аз маҷмуи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие иборат аст, ки бо робитаҳои молумулкӣ, ташкилӣ ё хешовандӣ пайвастанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар кор пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун тавсияҳо барои такмили қонунгузории амалкунандаи зиддиинҳисорӣ ва амалияи татбиқи он, дар раванди таълим, инчунин ҳангоми таҳия ва таълими курси махсуси «Ҳуқуқи рақобатӣ» истифода шаванд. Илова бар ин, нуктаҳои баррасишуда ва хулосаҳои дар асоси онҳо пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби нафароне, ки дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ ва назарияи идоракунии давлатӣ таҳқиқот мебаранд, мавриди истифода қарор гиранд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** самаранок ҷанбаҳои консептуалии назарияи фанҳои ҳуқуқӣ (ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) ва ҳамзамон дар таҳқиқот усулҳои умумӣ-илмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра истифода бура шудаанд.

– **баён шудани** ҳадафи қонунгузории зиддиинҳисорӣ манъи ҳама гуна созишномаҳо нест, балки танҳо онҳое мебошанд, ки рақобатро маҳдуд мекунанд. Шакли хатарноктарини созишномаи зиддирақобатӣ картел мебошад. Таҳлили ин меъёр имкон медиҳад, то хулоса карда шавад, ки иштирокчиёни картел танҳо субъектҳое буда метавонанд, ки бо ҳам рақобат мекунанд;

– **ошкор гардидани** нишонаи асосии мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозори маҳсулоти мушаххас, хизматрасонӣ ё корҳо ҳолате аст, ки субъекти хоҷагидор ҳиссаи назарраси бозорро ишғол карда, ин мавқеъ аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисорӣ расман ҳамчун ҳукумфармоӣ эътироф шудааст, ки ин ба ӯ имкон медиҳад ба муҳити рақобатпазир таъсири ҷиддӣ расонад;

– **омухта шуданд:** моҳият ва хусусиятҳои фаъолияти инҳисорӣ ҳамчун омили асосии монеъи рушди рақобати солим дар бозор, таркиби иштирокчиёни дар амалияҳои инҳисорӣ ҷалбшуда ва нақши онҳо дар маҳдуд

карданi рақобати бозорӣ, хусусияти амалҳои мувофиқашуда, ки рақобатро байни иштирокчиёни бозор маҳдуд мекунанд, равандҳои таъсис, якҷояшавӣ ё ҳамроҳшавии субъектҳои соҳибкорӣ ва таъсири онҳо ба муҳити рақобатпазир;

**– аз нав такмил додани** моддаҳои 27 ва 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат». Тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур бо мақсади такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ). Тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда ба бартараф кардани камбудиҳои мавҷуда, аз қабили набудани меъёрҳои мушаххас барои танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) нигаронида шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории зиддиинҳисорӣ ба таври васеъ корбурд шавад.

**– муайян карда шуданд,** ки инҳисор фаъолияти субъектҳои хоҷагиест, ки дар бозори муайяни мол ё хизматрасонӣ мавқеи ҳукмфармоӣ дошта, ба ворид шудани дигар субъектҳо ба бозор монеъ мешаванд.

**– офарида шуд:** фаъолияти инҳисорӣ метавонад дар шаклҳои суиистифода аз мавқеи ҳукмфармоӣ, бастани созишномаҳо ва амалҳои мувофиқашуда, ки рақобатро маҳдуд мекунанд, зоҳир гардад.

**– муаррифӣ карда шуд:** таҳаввули заминаи меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳифзи муҳити рақобатпазир ва пешгирӣ аз амалияҳои инҳисорӣ нигаронида шудааст, ба якчанд марҳилаи муҳими таърихӣ тақсим карда мешавад, ки ҳар яке саҳми назаррас дар ташаккули низоми муосири танзим дорад.

а). Марҳилаи ибтидоии ташаккул ва рушди меъёрҳои ҳуқуқие, ки рақобат ва муқобила бо тамоюлҳои инҳисориро танзим мекунанд, аз соли 1991 то соли 1994-ро дар бар мегирад;

б). Марҳилаи дуюм, ки бо таҳияи чаҳорчӯбаи асосии қонунгузории ҳифзи рақобат ва маҳдудкунии амалияҳои инҳисорӣ тавсиф мешавад, аз замони қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 то соли 2007 дар бар мегирад;

в). Марҳилаи сеюм, ки аз қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 18 майи соли 2017 оғоз шуда, то имрӯз идома дорад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ ва ниҳодҳои байналмилалӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи мақомоти давлатӣ ва таҳлили маводи илмию меъёрӣ ба даст оварда шудаанд.

**– барои корҳои таҷрибавӣ:** хулосаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва такмили қонунгузории кишвар мавриди истифода қарор гиранд. Хусусан пешниҳод мегардад, ки моддаи 27-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» бо таърифи дақиқи мафҳуми «азнавташкилдиҳии маҷбурии ташкилоти тиҷоратӣ» дар

шакли зерин пурра карда шавад: «Азнавташкилдиҳии маҷбурии ташкилоти тиҷоратӣ тартиби ҳуқуқиест, ки бо ҳадафи мусоидат ба рушди рақобати солим ва шаффоф дар асоси қарори суд оид ба тақсим ё ҷудо кардани шахси ҳуқуқие, ки мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор дорад, дар ҳолати такроран анҷом додани амалҳои инҳисорӣ амалӣ мегардад, ки ба барқарорсозии муҳити одилонаи бозорӣ ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон мусоидат мекунад». Пешниҳод карда мешавад, ки дар банди 18-и м.2-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат», ки ба таърифи ҳуқуқии мафҳуми «рақобати бевиҷдонона» бахшида шудааст, пас аз ибораи «хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ибораҳои «мухолиф ба принсипҳои ахлоқ ва баробарӣ» илова карда шавад, то дақиқтар, пурра ва аз ҷиҳати ахлоқӣ асоснок гардад. Дар навбати худ ба м. 2-и Қонуни ҶТ»Дар бораи ҳимояи рақобат» иловаи зерин ворид карда шавад: «Мавқеи ҳукумфармоӣ ин суиистифода аз рафтори яктарафаест, ки бо истифода аз имкониятҳои афзалиятнок дар бозор муҳити рақобатиро маҳдуд месозад ва ба манфиатҳои дигар субъектҳои хоҷагидор зарар мерасонад».

– **ғоя асоснок шудааст:** дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои суиистифода аз мавқеи ҳукумфармоӣ мавҷуд нест. Мавқеи ҳукумфармоӣ дар бозор ба ҳолате дахл дорад, ки як субъекти хоҷагидор дар бозори маҳсулоти мушаххас мавқеи бартарӣ дошта, ба иштирокчиёни нави хоҷагидор имкони вуруд ба ин бозорро маҳдуд мекунад ё комилан пешгирӣ менамояд. Муҳаққиқ чунин мешуморад, ки ин холигӣ бояд бо роҳи ворид кардани таърифи дақиқи мавқеи ҳукумфармоӣ дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» бартараф карда шавад, ки ин имкон медиҳад заминаи ҳуқуқӣ мустаҳкам, шаффофияти танзим баланд ва муқобилаи босамар бо амалияҳои инҳисорӣ таъмин гардад, бо ин роҳ манфиатҳои истеъмолкунандагон ҳифз ва ба рушди муҳити одилонаи бозорӣ мусоидат карда шавад.

– **муайян шудаанд:** картел бояд ҳамчун созишнома байни субъектҳои хоҷагидори рақиб, яъне байни онҳое, ки дар як бозори маҳсулот фурӯшандаанд ё дар ҳамон бозор харидор мебошанд, баррасӣ шавад, ки ин зарурати назорати қатъии чунин созишномаҳоро барои ҳифзи рақобати одилона ва пешгирӣ аз зарар ба истеъмолкунандагон ва иқтисодиёт таъкид мекунад.

– **истифода карда шуданд:** Дар таҳқиқот маводи илмӣ, меъёрӣ, амалӣ ва оморӣ ба таври васеъ истифода карда шудааст. Ҳамчунин, танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қиёс бо қонунгузории давлатҳои тараққиёфта, ба монанди ИМА, Федератсияи Россия, Иттиҳоди Аврупо ва дигарҳо амалӣ карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертация, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии маҳдуд намудани фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол (кору хизматрасонӣ)

тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва услуби таҳияи матни диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Пӯлодзода Шаҳнозабону Пӯлод дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд тасдиқ гардидааст, 16 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, 16 нафар овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 16 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

02 декабри соли 2025